ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 07.11.2026, протоколи №60 барои сазовор донистани Изатуллозода Зебонисо Рустам, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос

Диссертатсияи Изатуллозода Зебонисо Рустам (Қурбонова Зебонисо Рустамовна) дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2026, таҳти №85/шд) 29-уми августи соли 2026 суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Изатуллозода Зебонисо Рустам 16-уми январи соли 1992 дар шаҳри Левакант таваллуд шудааст. Соли 2013 зинаи таҳсилоти бакалаври Донишгоҳи давлатии Бохтар (Қӯрғонтеппа) ба номи Носири Хусравро аз рӯи ихтисоси информатика-математика, соли 2017 зинаи таҳсилоти магистри Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯи ихтисоси информатика ва соли 2025 зинаи таҳсилоти доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Информатика (Назария ва методикаи таълиму тарбия)- и Донишгоҳи

давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро хатм кардааст. Бо мақсади ба самти Шурои диссертатсионӣ мувофиқ намудани ихтисоси илмии довталаб дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №(02)-07/1476 аз 03.02.2026 ва фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳти №13-д/р аз 19.02.2026 барои ӯ фарқиятҳои академӣ муайян гардида, имтиҳони иловагӣ қабул карда шудааст.

Изатуллозода Зебонисо Рустам аз соли 2022 барои пеш бурдани корҳои илмӣ таҳқиқотиаш ба зинаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос дохил шуда, айни ҳол дар вазифаи омӯзгори кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими технологияи донишгоҳи мазкур фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Гулова Маърифат Табаровна - номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи системаҳои автоматикунонидашудаи коркарди ахбор ва шабакаҳои алоқаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Муқарризони расмӣ: Назаров Аҳтам Пулотович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Ғаффорзода Зафар Бобобек** – доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, муаллими калони кафедраи технологияи иттилоотии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Изатуллозода З.Р. бо имзои раиси ҷаласа д.и.ф-м., дотсент, декани факултети механикаю математикаи Донишгоҳи милли Тоҷикистон Саидзода И.М., ташхисгар, н.и.п., дотсент, мудири кафедраи усули

таълими математика ва геометрияи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қурбонзода С.Р. ва котиби ҷаласа, н.и.ф-м., дотсенти кафедраи усули таълими математика ва геометрияи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Неъматзода С.Н. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. аз 7-уми октябри соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 17 адад интишороти илмӣ нашр намудааст, ки ҳамаи он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 мақола ба нашр расонидааст.

1. **Қурбонова, З.Р.** Низоми кредитии таҳсилот ва таърихи ҷаҳонии он // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – №1/4(104). – Бохтар, 2022. – С. 117-122. – ISSN 2663-5534.

2. **Қурбонова, З.Р.** Татбиқи ТИК дар таълими кредитӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2023. – №1/4(116). – С. 107-110. – ISSN 2663-5534.

3. **Қурбонова, З.Р.**, Гулова, М.Т. Проблемаҳои татбиқи таълими кредитӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2023. – №1/2(110). – С.155-161. – ISSN 2663-5534.

4. **Қурбонова, З.Р.**, Ҳакимов А.М. Самаранокии методҳои татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими кредитии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №9. – С. 345-353. – ISSN 2074-1847.

5. **Қурбонова, З.Р.** Аҳамияти истифодаи барномаи тестсозии Айрен барои санҷиши маҳорату малакаи донишҷӯён // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2024. – №1/3(125). – С. 411-418. – ISSN 2663-5534.

6. **Қурбонова, З.Р.**, Гулова М.Т. Натиҷаҳо аз санҷиши таҷрибавӣ-педагогии омӯзгорон ва донишҷӯёни таҳсилоти кредитии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2024. – №1/4(128). – С. 413-421. – ISSN 2663-5534.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Изатуллозода Зебонисо Рустам ворид шудаанд:

1. Мирзоев А.Р. – д.и.п., профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. Эшонқулов А.А. – н.и.ф-м., дотсенти кафедраи фанҳои табиӣ-риёзии Донишкадаи байналмиллалии Леваканти Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Наимов У.Т. – н.и.п., дотсент, мудири кафедраи технологияҳои барномасозии донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

4. Фурқати С. – н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи таъминоти барномавӣ ва WEB-дизайни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– муайян кардани фарқиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ нисбат ба низоми анъанавии таълим, асоснок намудани нақши онҳо дар ташкили назорат ва арзёбии натиҷаҳои таълим, тестсозии компютерӣ ва фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён;

– муайян кардани аҳамият ва имкониятҳои фанни «Технологияи информатсионӣ (информатика)» дар омодасозии омӯзгорони ояндаи низоми таҳсилоти кредитӣ, асоснок намудани зарурати мутобиқ намудани мазмун ва методикаи таълими он ба талаботи истифодаи амалии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар шароити таҳсилоти кредитӣ;

– ошкор намудани мушкилоти асосии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими низоми кредитӣ, муайян намудани истифодаи нокифояи имкониятҳои мавҷудаи барномаҳои компютерӣ дар назорату арзёбии натиҷаҳои таълим, тестсозӣ ва ташкили фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ва пешниҳоди роҳҳои методии бартараф намудани онҳо;

– таҳия ва асоснок намудани амсилаи назорат ва арзёбии натиҷаҳои таълим таҳти иштироки бевоситаи омӯзгор, муайян кардани нақши омӯзгор дар ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таълимии донишҷӯён ва асоснок намудани истифодаи маҷмӯи методҳои гуногуни арзёбӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани объективияти муайян намудани натиҷаҳои таълим;

– таҳия ва татбиқи методикаи истифодаи воситаҳои тестсозии компютерӣ дар омодасозии омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитӣ, муайян кардани имкониятҳои барномаи «Айрен» ва барномаи тестсозии дар забони барномасозии Python таҳияшуда дар таҳияи тестҳои фаннӣ, назорат ва арзёбии натиҷаҳои таълим;

– муайян ва асоснок намудани самаранокии методи ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯён дар таҳияи тестҳои фаннӣ, дар натиҷаи таҷрибаи педагогӣ муқаррар намудани мусоидати иштироки мустақими донишҷӯён дар таҳияи тестҳо ба ташаккули малакаҳои тестсозии компютерӣ, фаъолшавии таҳлил ва такрори маводи таълимӣ ва амиқтар азхуд намудани донишҳо;

– санҷида ва тасдиқи самаранокии роҳҳои пешниҳодшудаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ тавассути таҷрибаи педагогӣ ва натиҷаҳои пурсиши омӯзгорону донишҷӯён, нишон додани таъсири мусбати истифодаи мақсадноки ТИК, назорати бевоситаи омӯзгор, методҳои гуногуни

арзёбӣ, тестсозии компютерӣ ва фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ба самаранокии раванди таълим.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот чунин баён ёфтааст: Қисми назариявии таҳқиқотро омӯзиши асосноккунии асосҳои назариявию методии татбиқи ТИК дар таҳсилоти кредитӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти он ташкил медиҳад. Дигар масъалаи муҳимми дар рисола таҳлилшаванда аҳамияти татбиқи ТИК дар ин таҳсилот аст, ки ҳам назариявӣ ва ҳам бо истифода аз барномаҳои тестиронӣ татбиқи амалии он дар таълими информатика мавриди санҷиш ва таҷрибагузарониҳо қарор дода шудааст.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот чунин таъмин гардидаанд: Натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст овардашуда, ба дастовардҳои олимони соҳаи педагогика ва методикаи таълими он дар саросари ҷаҳон такя мекунад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст: мавқеи методҳои таълими кредитӣ, аҳамияти истифодаи ТИК дар таълими кредитӣ ва дар таълими информатика; таҳлили методҳои самараноки ҷараёни таълим дар чаҳорчӯбаи истифода аз ТИК; мувофиқати вазифаҳои гузошташуда бо методҳои таҳқиқот; иштироки диссертант дар иҷрои корҳои таҷрибавӣ; нишон додан ва собит намудани бартарияти методи ҳамкории таълим, ки ба истифодаи ТИК асос ёфтааст; асосноккунии масъалаи баланд бардоштани салоҳиятҳои касбию иттилоотии омӯзгорони ояндаи таҳсилоти кредитӣ, ки ба истифодаи воситаҳои ТИК дар таълим алоқаманд аст, пешниҳоди методҳои нави таълими технологияи информатсионӣ ва ба эътибор гирифтани натиҷаи озмоишҳои омӯзгорӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар ҳалли масъалаи гузошташуда, асосноккуниҳои назариявӣ-методӣ оид ба мафҳумҳои татбиқи ТИК дар таълими кредитӣ, мушкилот ва бартариҳои таълими кредитӣ, пешниҳоди роҳу

усулҳои таъмини самараноки методҳои татбиқи ТИК дар таълими кредитӣ, муайян кардани мавқеъи таълими самараноки фанни технологияи информатсионӣ дар омода кардани омӯзгорони ояндаи таҳсилоти кредитӣ, доир кардани озмоиши педагогӣ, сохтани тестҳои компютерӣ барои санҷиши дониши донишҷӯёни таҳсилоти кредитӣ, таҳияи васоити методӣ оид ба методҳои татбиқи ТИК дар таълими кредитӣ, таҳлил, хулосаҳо ва ҷамъбаст ифода ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз санаи 7- уми ноябри соли 2026 оид ба сазовор донистани Изатуллозода Зебонисо Рустам бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ **Сатторов А.Э.**

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**

“_07_” ___11___ 2026
ҶМ